# ТАҚРИЗИ МУШОВИРИ ИЛМӢ

доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Муродӣ Мурод Бердӣ ба диссертатсияи Сафарзода Моҳира Амиралӣ дар мавзуи «Нақши телевизион ва сомонаҳои интернетӣ дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.22. Рӯзноманигорӣ)

Сафарзода Моҳира Амиралӣ соли 2012 факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси рузноманигор бо дипломи аъло хатм кардааст. Соли 2017 дар мавзуи "Телевизион ва таъсири он ба афкори омма (дар мисоли шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон)" зери роҳбарии доктороне илмҳои филологӣ, профессори шодравон А. Саъдуллоев ва профессор А. Азимов рисолаи номзадии худро ҳимоя намудааст.

Мавзуи диссертатсияи доктории Сафарзода Моҳира бо қарори шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 27-уми октябри соли 2023, қарори № 4 тасдиқ шудааст.

Диссертант рисолаи доктории худро пеш аз хатми зинаи докторантура ба анҷом расонида, барои ҳимоя пешниҳод намуд.

Сафарозода Моҳира дар давоми солҳои докторантӣ дар ДМТ худро ҳамчун муҳаққиқи бофаҳм, ҷӯянда, боғайрат, хушмуомила, оромтабиат, таҳаммулпазир, дорои қобилияти эҷодӣ ва тавоно нишон дода, дар омӯзиш ва таҳқиқи мавзуъ бо азму иродаи устувор машғул шуд, ба қадри тавон ва имкон доир ба паҳлуҳои гуногуни мавзуи диссертатсия дар ҳамоишҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии дохил ва хориҷи кишвар маърӯзаҳо хонд, дар доираи кафедраи семинари илмӣ баргузор намуд, монография, мақолаи илмӣ ва илмиву оммавӣ ба нашр расонид. Таҳқиқи анҷомгирифта маҳсули заҳмати бевоситаи ӯ буда, ниҳоят дар шакли диссертатсияи комил ба поён расид.

**Пажуҳиши диссертатсионии Сафарзода Моҳира Амиралӣ** таҳқиқи яке аз мавзуъҳои мубрами илми рӯзноманигории муосири тоҷик –

ҷанбаҳои назариявии имиҷу имиҷсозӣ, вежагиҳои имиҷсозӣ дар фаъолияти рӯзноманигории амалӣ, нақши телевизион ва сомонаҳои интернетӣ дар ташаккули имиҷи Тоҷикистони соҳибистиқлолро фаро мегирад.

**Мавзуи диссертатсия нав буда,** дар илми рӯзноманигории тоҷик бори аввал дар шакли пажуҳиши диссертатсионӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар он омилҳои таърихӣ ва назариявии шинохти имиҷ ва имҷсозӣ, вижагиҳои имиҷи давлат, асосҳои ҳуқуқии имиҷ ва имиҷсозӣ дар Тоҷикистон, тарғиби ғоя ва ташаббусҳои имиҷсоз дар шабакаҳои телевизионӣ ва сомонаҳои интернетӣ, истифодаи қолабҳои жанрҳои публитсистӣ дар инъикоси воқеиятҳои имиҷсоз таҳлилу баррасӣ шудааст.

Докторант ҳамчун муҳаққиқи ҷӯянда бо дарку маърифати хуби илмӣ дар таҳқиқи мавзуъ муносибати ҷиддӣ намуда, ба сарчашмаҳои назариявию амалӣ шинос гардид ва доир ба мавзуъ маводди зиёдеро ҷамъ овард, омӯхт, тасниф кард ва дар заминаи он ба таълифи кори диссертатсонӣ машғул шуд. Мавсуф бо коркарди нисбатан амиқу ҳаматарафаи маводди илмиву публитсистӣ, ҳамчунин асноди сиёсиву ҳуқуқии марбут ба имиҷ ва имиҷсозӣ вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ба таври кофӣ иҷро кард ва ба ин тариқ ба мақсади кори диссертатсионӣ – илман муайян намудани нақши воситаҳои ахбори омма, махсусан телевизион ва сомонаҳои интернетии шабакаҳои телевизионӣ дар ташаккули имиҷи Тоҷикистони соҳибистиқлол ноил гардид.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва маърӯзаҳояш дар конференсияҳои сатҳи гуногун таъйид мекунанд.

Диссертатсия аз муқаддима, 5 боб, 13 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт ва манбаъ таркиб ёфтааст.

Дар муқаддима, чун анъана мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиш, робитаи таҳқиқ бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ бо шарҳу тавзеҳҳои амиқ асоснок гардида, мақсаду вазифа, объекту предмет, асосҳои назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ, методҳои таҳқиқ муайян ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда таҳлилу баррасӣ шудааст.

Диссертатсия дорои сохтор илмӣ буда, таҳқиқи мавзуъ бо низоми муайян – зина ба зина сурат гирифтааст. Бобу фаслҳои диссертатсия аз нигоҳи интихоби паҳлуҳои гуногуни мавзуъ, муносибати усулӣ, тарзи баррасиҳо ва мантиқи таҳлилу хулосабарориҳо ба ҳам алоқаманд буда, дар маҷмуъ тарҳи нисбатан комили кори диссертатси-ониро фароҳам овардааст.

Ба ин мазмун, агар дар боби якум заминаҳои зуҳури шинохти имиҷ ва имиҷсозӣ бо дарназардошти усулҳои имиҷсозӣ дар контексти функсияҳои иҷтимоӣ ва иттилоотии воситаҳои ахбори омма баррасӣ шуда бошад, дар боби дуюм вежагиҳои имиҷи давлат ва ташаккули асосҳои сиёсиву ҳуқуқии имиҷ ва имиҷсозӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол бо истифода аз методҳои таърихиву анъанавӣ таҳқиқ шудааст.

Мавзуи баҳси боби сеюм, ки «Сулҳи тоҷикон ва ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар контексти имиҷи давлат» унвон дорад, инъикоси воқеиятҳои имиҷсоз: фарҳанги сулҳофарии Эмомалӣ Раҳмон, ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон марбут ба об ва НБО-и «Роғун» ҳамчун нишони ваҳдату ормони миллӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ба ин васила нақши шабакаҳои гуногуни телевизионӣ дар намои фазои имиҷсоз муайян карда шудааст.

Боби чаҳорум, мазмунан идомаи боби сеюм аст. Дар он ба масъалаи раванди ташаккули имиҷи Тоҷикистон дар шабакаҳои телевизионӣ ва сомонаҳои онҳо таваҷҷуҳ шуда, бозтоби сиёсати давлатии Тоҷикистон дар барномаҳои телевизионӣ, нақши сомонаҳои интернетӣ дар муаррифии кишвар ва нуфузи Тоҷикистон дар сомонаҳои интернетии шабакаҳои телевизионии кишварҳои ИДМ бо таҳлилу баррасиҳои илмӣ муайян карда шудааст.

Дар боби панҷуми кори диссертатсионӣ тарзу тариқаи инъикос ва баррасии воқеиятҳо ва масъалаҳои имиҷсоз дар барномаҳои телевизионӣ ва сомонаҳои интернетӣ таҳлилу арзёбӣ гардидааст. Муаллиф дар ин боб дар такя бо усули муқоисавӣ ва таҳлилу баррасиҳои илмӣ муайн намудааст, ки дар инъикос ва тарғиби воқеаҳои имиҷсоз ТВ «Тоҷикистон» асосан аз жанрҳои хабару ҳисобот ва шабакаҳои ТВ «Варзиш» ва «Ҷаҳоннамо» аз имконияти жанрҳои репортажу мусоҳиба кор гирифтаанд. Бо вуҷуди ин таносубан жанри репортаж имконоти васеътар доштааст.

Хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия зикр намудаи докторант характери илмӣ ва амалӣ дошта, то андозае донишҳои назариявӣ ва амалиро дар самти илми публитсистика ва рӯзноманигории тоҷик афзуда метавонад. Натиҷаҳои аз рафти таҳқиқ ба дастомада барои таҳқиқи баъзе ҷанбаҳои рӯзноманигории амалии муосири тоҷик, нақши воситаҳои ахбори омма, хосса шабакаҳои телевизионӣ дар инъикоси воқеиятҳои имиҷсоз, омилҳои ташаккулдиҳандаи имиҷи Тоҷикистони соҳибистиқлол аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд.

Маводди диссертатсияро метавон ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, коркарди машғулиятҳои амалӣ доир ба асосҳои фаъолияти эҷоди рӯзноманигорӣ, ба хусус рӯзноманигории телевизион истифода кард.

Хулосаҳои таҳқиқи Сафарзода Моҳира Амиралӣ ифодакунандаи мундариҷаи диссертатсия буда, бо маводи зиёди назариявию амалӣ ва далелу аснод асоснок карда шудааст. Автореферат ва матолиби доир ба мавзуи диссертатсия интишорнамудаи муаллиф – 1 **монография,** 29 **мақолаи илмӣ, аз ҷумла 16** мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқу басанда буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд.

Муҳтавои диссертатсияи Сафарзода Моҳира Амиралӣ бо номи мавзуъ ва шиносномаи ихтисоси илмии **6.2.22. Рӯзноманигорӣ комилан мувофиқат менамояд**.

Бо дарназардошти сифатҳои хуби шахсии муаллиф ва омодагии самараноки ӯ ба корҳои илмиву таҳқиқии мустақил, таҳқиқи диссертатсионии Сафарзода Моҳира Амиралӣ дар мавзуи «Нақши телевизион ва сомонаҳои интернетӣ дар ташаккули имиҷи Тоҷикистон»-ро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.22. Рӯзноманигорӣ) кори илмии анҷомёфта ҳисоб мекунам. Диссертатсия ба талабот ҷавобгӯй буда, ҳамчун роҳбари илмӣ онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи матбуоти факултети журналистикаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Муродӣ М.Б.

Суроға:
734035, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Фирдавсӣ, 95, ҳ.6
Тел.: (+992) 934251532.
E-mail: murodi@mail.ru

Имзои Муродӣ Мурод Бердиро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj

«22» ноябри соли 2025.